*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА- 004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8, синф.102)*

# ТАҚРИЗ

***ба автореферати диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи "Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ.***

Автореферати пешниҳодшуда натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии докторанти фалсафа (PhD) Азимов Наимҷон Ҳалимҷоновичро инъикос намуда, ба масоили ниҳоят мубрам ва асосии рушди иқтисодиёти креативӣ-инноватсионӣ-асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат бахшида шудааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир гаштааст, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ фаъолгардонии равандҳои эҷодӣ-инноватсионӣ омили муҳими таъмини рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Ин авомили асосии рушди иқтисоди миллии кишвар аз истифодаи самараноки иқтидори инсонӣ вобастагии калон дорад. Зеро масоили дуруст ва самаранок мавриди истифода қарор додани иқтидори эҷодии қувваи корӣ дар бозори меҳнат ҷиҳати баландбардории ҳосилнокии меҳнат ва таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ мебошад, ки барои баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ равона шудааст. Барои он, ки таъмини рушди стратегияи ҷомеаи индустриалӣ ва инноватсионӣ тавассути баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, суръати афзоиши маҳсулоти саноатӣ, аз ҷумла маҳсулоти илмӣ бо рушди минбаъдаи иқтидори эҷодкоронаи он, дараҷаи рушди тиҷорати креативӣ, идоракунии эҷодӣ ва маркетинг ба амал меояд. Маҳз барои ин, дар баробари динамикаи вазъи бозори меҳнати ватанӣ, пайдошавии тақозо ба шаклҳои муосири рушди қобилияти эҷодкоронаи қувваи корӣ, яъне технологидошта меафзояд. Сухан оиди технологияе меравад, ки ашхосе, ки имрӯз дар иқтисодиёт меоянд на танҳо маълумоти касбӣ дошта бошанд, балки табиати эҷодкориашон аз тарафи устодони сохторҳои таълимӣ кушода шуда бошад.

Мавзуи интихобгардидаи диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи "Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат", бо самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, махсусан дар низоми маориф, бозори меҳнат ва рушди иқтидори инсонӣ, алоқаманд буда, аҳамияти баланди илмӣ-амалӣ дорад. Ҳангоми мутолиаи автореферати диссертатсия маълум гашт, ки дар таҳқиқоти илмии худ муаллиф ҳалли масоил ва истифодаи оқилонаи захираҳои инсониро дар бозори меҳнат бо дарназардошти хусусиятҳои хоси муносибатҳои иқтисоӣ-иҷтимоӣ ва сиёсӣ баррасӣ карда, роҳҳои мукаммалгардонии рушди ИКҚК-ро тавассути танзими муҳоҷирати зеҳнӣ (фирори мағзҳо), такрористеҳсоли сармояи инсонӣ, таҳсилоти креативӣ ва устувории сатҳи баланди ҳавасмандгардонии қувваи корӣ дар бозори меҳнат дидааст, мубрамии ҳадаф ва мақсади кори илмиро инъикос менамояд.

Дар автореферати диссертатсия мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот дақиқ муайян гардида, сохтори автореферат мантиқӣ ва пайдарпай аст. Асоси методологии таҳқиқот маҷмӯи усулҳои иқтисодӣ-оморӣ, муқоиса, таҳлил ва синтез, графикӣ, эконометрикӣ (коррелятсионӣ-регрессионӣ) ва экстраполятсиони (имтидод)-ро дар бар гирифта, эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин менамояд.

Навгонии илмии таҳқиқот ба таври амиқ пешниҳод гардида, аз ҷумла дар такмили таърифи мафҳуми иқтидори креативии қувваи корӣ бо таваҷҷӯҳ ба аҳамияти неруи эҷодӣ-инноватсионӣ, баррасии авомили ташаккули ИКҚК, инчунин, коркарди консептуалии муҳити таҳсилоти креативии таъсиррасон ба рушди ИКҚК ифода меёбад. Ин таъйинот дорои аҳамияти назариявӣ буда, ба рушди иқтисоди креативӣ-инноватсионӣ ва назарияи иқтидори эҷодии қувваи корӣ саҳми назаррас мегузоранд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар имконияти истифодаи онҳо ҳангоми таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иқтидори креативии захираҳои инсонӣ, такмили сиёсати низоми маориф, танзими бозори меҳнат ва муҳоҷирати зеҳнӣ, инчунин, дар ҷараёни таълимӣ зоҳир мегардад. Ин тамоил дар автореферати диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) ба таври возеҳ акси худро ёфтааст.

Барои таҳқиқотҳои илмии минбаъда тавсия медиҳем, барои он ки дар саҳифаи 23-и автореферати диссертатсия муаллиф роҳҳои асосии такмилдиҳии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, тавассути унсурҳои баландбардории сифати таҳсилоти креативӣ дар низоми

маорифи ҷумҳурӣ (расми 5) муайян кардааст, аммо бисёр ба маврид мебуд роҷеъ ба сохтори омодагии касбии кадрҳо, баланд бардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ дар кишвар дар ҳаҷми як ҷадвал ё диаграмма таҳлилҳо гузаронида мешуд. Эроди зикргардида аҳамияти илмии кори диссертатсионии муаллифро коҳиш намедиҳад, зеро дорои хусусияти тавсиявӣ буда, метавонад дар раванди корҳои илмӣ-таҳқиқотии оянда ва мукаммалгардонии минбаъади мавзуъ ба назар гирифта шавад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович зинаҳои лозимаи санҷиширо гузашта, ба ҳимоя пешниҳод гардидааст. Дар маҷмуъ автореферати диссертант мақсаду вазифаҳо ва масъалаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи зарурӣ иҷро кардааст.

Умуман, сохтор ва муҳтавои автореферат ба талаботи муқарраршудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯ буда, мазмуни он ба пуррагӣ натиҷаҳои асосии диссертатсияро фаро гирифта, забон ва услуби баён илмӣ, возеҳ ва мантиқӣ мебошад. Хулоса ва тавсияҳо ба натиҷаҳои таҳқиқот мувофиқат буда, асоснок пешниҳод карда шудааст. Аз ин лиҳоз, кори илмӣ ҳамчун таҳқиқоти анҷомёфта арзёбӣ мешавад ва муаллифи он - Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович - сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Самандарзода И.Ҳ.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, х. Рӯдакӣ, 146, Телефон: +992 (37) 224 72 07;
Суроғаи электронии муассиса –
E-mail: rectortau31@mail.ru // www.tajagroun.tj

**Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям:**

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

“17” 02 с. 2026